# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2025. – 43 саҳ.).**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи мақоми ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Бо ба даст овардани истиқлолият ва ба миён омадани ҷанги шаҳрвандӣ, ҳазорон нафар шаҳрвандон маҷбур шуданд, ки кишварро тарк намоянд. Дар натиҷа, зарурати танзими қонунгузорӣ дар бораи гурезаҳо ба миён омад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ Конвенсияи соли 1951 ва Протоколи соли 1967 оид ба мақоми гурезаҳоро ба тасвиб расонид ва заминаи меъёрии ҳуқуқиро барои ҳифзи ин қишри осебпазир фароҳам овард. Бо вуҷуди ин, ноустувории вазъи минтақа, бахусус вазъи сиёсӣ дар Афғонистон, то ҳол сабаби афзоиши гурезаҳо мебошад.

Шумораи рӯзафзуни гурезаҳо ва номукаммалии қонунгузории амалкунанда зарурати таҳқиқи илмии ин соҳа ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-амалиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти мубрам, назариявӣ ва амалии баланд мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот равона шудаанд ба таҳияи асоси назариявӣ ва ҳуқуқии мукаммали мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо, ки дар натиҷа имкон медиҳад моҳият, унсурҳо ва принсипҳои ин падида дар низоми қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ дақиқ муайян карда шаванд. Таҳқиқот бо дарбаргирии омӯзиши таҷрибаи

байналмилалӣ ва амалияи миллӣ барои рушди назария ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад.

Татқиқот яке аз аввалин корҳои илмӣ дар илми ҳуқуқи ватанӣ мебошад, ки вазъи ҳуқуқӣ ва конститутсионии гурезаҳо ба таври пурра ва низомнок таҳлил шудааст. Муаллиф на танҳо масъалаҳои назариявиро рӯшан намудааст, балки пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтарсозии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои гурезаҳо ироа кардааст, ки аҳамияти амалии баланд доранд.

Навовариҳои кори мазкур дар хулоса ва пешниҳодоте, ки муаллиф ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ба таври дақиқ ифода ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин корҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки масъалаи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо ба таври фарогир таҳлил шудааст.

Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, аз таҳлили автореферерати диссертатсия бар меояд, ки дар қонунгузории ҳолоамалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи гурезаҳо мақоми ҳуқуқии шахсони паноҳҷӯянда, дар м. 10 қайд шудааст, аммо таърифи мафҳуми паноҳгоҳ пешбинӣ нагардидааст. Сабаб дар чӣ бошад, ки муаллиф зимни матраҳ намудани масъалаи мазкур мафҳуми паноҳгоҳро пешниҳод нанамудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф мавқеи худро роҷеъ ба ин масъала зимни ҳимояи ошкоро шарҳ медод.

Новобаста аз эродҳои қайдшуда, бояд таъкид кард, ки муаллиф таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додааст. Ин кор бо тарзи эҷодкорона таҳия шуда, масъалаи муҳимми ҳуқуқи конститутсиониро ба таври амиқу дақиқ ҳал намудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешрафти назариявӣ ва такмили амалии қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо саҳми назаррас дошта бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Иброҳимов С.И.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Салтиков-Щидрин хонаи 25
E.mail: E-mail: soleh 52@mail.ni,
Тел: корӣ 221-65-85
Мобилӣ.:(+992) 934- 44- 41- 65


**Имзои Иброҳимов С.И.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ Абдураҳмонзода Б.


**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33,
E-mail: www.ifppanrt.tj


«21» ноября 2025 сол